**ХУЛОСАИ**
**ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D КОА-026-и назди МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"**

**дар бораи диссертатсияи Бобоева Иноятхон Асроровна оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ**

*Парвандаи аттестатсионии № 4*
*Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 4-уми марти соли 2023, № 4*

**Дар бораи ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Бобоева Иноятхон Асроровна додани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01– педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ).**

Диссертатсияи номзадии Бобоева Иноятхон Асроровна дар мавзӯи «Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII зимни таълими осори классикон дар дарсҳои адабиёти тоҷик» дар шакли дастнавис аз рӯи ихтисоси 13.00.01– педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) аз ҷониби Шӯрои диссертатсионии 6D КОА-026-и назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (735700, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Б.Мавлонбеков, 1) аз санаи 16-уми декабри соли 2022 ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Бобоева Иноятхон Асроровна соли таваллудаш 1983, зодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, миллаташ тоҷик, соли 2006 Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуровро бо ихтисоси рӯзноманигор-омӯзгор хатм кардааст.

Бобоева Иноятхон аз таърихи соли 2015, бо қарори № 12 аз 11.06.2015 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров кабул гардида, кори илмиашро дар кафедраи мазкур ба анҷом расонидааст.

Фаъолияти омӯзгориро Бобоева Иноятхон аз соли 2013 ба ҳайси муаллимаи забон ва адабиёти тоҷики муассисаи таълимии мактаби хусусии ба номи Аҳмади Дониш оғоз намуда, дар баробари ин дар муассисаҳои дигари таълимиву илмӣ низ кор кардааст. Фаъолияти кориаш дар Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров аз соли 2013 оғоз гардида, ибтидо ҳамчун коргузори факултети филологияи тоҷик ва аз соли 2014 то соли 2019 ба ҳайси муаллимаи кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик ва аз соли 2019 то ҳол сармуаллимаи ҳамин кафедраи факултети филологияи тоҷик ва ҳамчунин сармусаҳҳеҳи нашриёти "Нури маърифат"-и донишгоҳи мазкур кору фаъолият мекунад.

Мавзӯи рисолаи илмии Бобоева Иноятхон дар асоси қарори Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров аз 11.06.2015, №12 тасдиқ шудааст.

Диссертатсияи Бобоева И.А. санаи 14-уми апрели соли 2022 дар ҷаласаи васеи муштараки кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик ва кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи умумии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" муҳокима ва тасдиқ гардида, ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Аз рӯйи мавзӯи диссертатсия 14 мақолаи илмӣ нашр намудааст, ки 5-тои он дар

маҷаллаҳои аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маориф ва илми ФР эътирофгардида ба табъ расидаанд.

**Роҳбари илмии унвонҷӯ –** доктори илмҳои педагогӣ, узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессори кафедраи методикаи таълими Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода **Шербоев Саидбой** мебошад.

**Муқарризи расмии аввал** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Негматов Садуллоҷон Эргашевич**;

**Муқарризи расмии дуюм –** номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи педагогика ва психологияи Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ **Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна**;

**МУАССИСАИ ПЕШБАР – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав** мебошад.

Дар тақризи пешниҳоднамудаи муассисаи тақриздиҳанда, ки бо имзоҳои: мудири кафедраи педагогикаи ДДБ ба номи Носири Хусрав дотсент Бобоева Г.Ш.; эксперт – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Сиддиқова З.К. ва котиби ҷаласа – номзади илмҳои педагогӣ Каримова М.М. расидааст, диссертатсия мусбат арзёбӣ гардидааст.

Аз ҷумла дар тақриз қайд гардидааст, ки дар таҳқиқоти Бобоева И.А. ба таври илмӣ асоснок шудааст, ки бори аввал зимни таълими адабиёти тоҷик рушду ташаккули тарбияи таҳаммулпазирӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, хоса барои хонандагони синфҳои 5-7 воқеъбинона дар сурати монографӣ кори илмӣ сурат гирифтааст.

Маҳз дар раванди таҳлил баррасии ҳуҷҷатҳо ва осори ниёгон унвонҷӯро ба роҳи дурусти таҳқиқ роҳнамоӣ кардааст. Яъне Бобоева И.А. дар ҷараёни таҳлили маводи бисёр ва пурарзиши гирдовардааш барои эътимод бахшидан ба андешаронии хеш аввалан ба сарчашмаҳои аслӣ ва баъдан ба осори таҳқиқии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ такя намуда, дар мавридҳои зарурӣ аз маъхазҳои ҷамъоварикардааш иқтибосҳо овардааст, ки дар ҳақиқат он ҷанбаи илмии рисоларо қавӣ гардонидааст.

Диссертатсияи Бобоева Иноятхон таҳти унвони **"Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII зимни таълими осори классикон дар дарсҳои адабиёти тоҷик"** кори мустақилонаи тахассусии бaанҷомрасида ва дорои аҳамияти назарраси илмӣ буда, ба талаботи бандҳои 31-33-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, пурра ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) арзанда мебошад.

Нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои илмию амалии ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва байнидонишгоҳӣ, мизҳои мудаввар, семинарҳо ва тренингҳо муҳокимаву баррасӣ гардида, дар 14 интишорот, аз ҷумла 5 мақола дар нашрияҳое, ки ба феҳристи маҷаллаву нашрияҳои аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшаванда дохиланд, инъикос ёфтаанд.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М].** Бобоева И. Муҳимтарин ҷанбаҳои таҳаммулпазирӣ аз дидгоҳи Саъдӣ [Матн] / И.Бобоева // Номаи донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров. – 2018. – №3 (52). – С. 200-205. ISSN 2077-4990.

**[2-М].** Бобоева И. Роҷеъ ба унсурҳои таҳаммулпазирӣ дар "Маснавии маънавӣ" [Матн] / И.Бобоева // Номаи донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров. – 2020. – №2 (63). – С.181-186. ISSN 2077-4990.

**[3-М].** Бобоева И. Роҷеъ ба унсурҳои таҳаммулпазирӣ дар «Пандномa»-и Аттор [Матн] / И.Бобоева // Паёми донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – 2020.– №3 (86). – С.168-171. ISSN 2219-5408.

**[4-М].** Шербоев С., Бобоева И. Муҳимтарин ҷанбаҳои таҳаммулпазирӣ дар афкори суханварон (дар мисоли хештаншиносӣ ва фазилати айбпӯшӣ) [Матн] / С. Шербоев, И. Бобоева // Паёми донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – 2022. – №2 (12). – С. 179-183. ISSN 2708-5759.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашриҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[5-М].** Бобоева И. Таҷассуми худшиносӣ ва мадоро дар «Гулистон»-и Саъдӣ [Матн] / И. Бобоева // Дар маҷаллаи «Саҳми ҷавонон дар рушди илм (Маводи конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявии ДДХ ба номи Б.Ғафуров).– Хуҷанд: Нури маърифат, 2017.– С.364-368.

**[6-М].** Бобоева И. Таҷассуми таҳаммулпазирӣ дар афкори ахлоқии адабиёти тоҷику форс [Матн] / И.Бобоева // Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон бахшида ба Соли ҷавонон.– Хуҷанд: Ношир, 2017.– С.39-45.

**[7-М].** Бобоева И. Роҷеъ ба тарбияи таҳаммул ва таҳаммулпазирӣ дар замони муосир / И.Бобоева [Матн] // Маҷмӯаи конференсияи ҷумҳуриявии Ҳизби Халқӣ–Демократии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба Соли ҷавонон.– Хуҷанд: Ношир, 2017.– С.208-212.

**[8-М].** Бобоева И. Андешае пиромуни сабру қаноат ва таҳаммулпазирӣ [Матн] / И.Бобоева // Хуршеди тобони маърифат (Маҷмӯаи мақолаҳо бахшида ба 60-солагии н.и.ф., дотсент Маҳкамова Б).– Хуҷанд: Нури маърифат, 2018.– С.324-329.

**[9-М].** Бобоева И. Мавқеъ ва аҳамияти таълиму тарбияи таҳаммулпазирӣ [Матн] / И.Бобоева // Уфуқи андеша. Маҷмӯаи мақолаҳои олимон ва муҳаққиқони ҷавон. Хуҷанд: Зиё, 2019.– С.53-58.

**[10-М].** Бобоева И. Тарбияи таҳаммулпазирии муҳассилин дар дарсҳои адабиёт [Матн] / И.Бобоева // Армуғони дӯстон. Маҷмӯаи мақолаҳо бахшида ба 70-солагии адабиётшинос М.Аҳмадов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2020. – Саҳ. 158-164

**[11-М].** Бобоева И. Нақши осори классикони тоҷику форс дар тарбияи таҳаммулпазирии хонандагон [Матн] / И. Бобоева // Уфуқи андеша. Маҷмӯаи мақолаҳои олимон ва муҳаққиқони ҷавон. Хуҷанд: Ношир, 2020.– С.62-70.

**[12-М].** Бобоева И. Таҳаммулпазирӣ омили муҳимми тарбия ва таълим / [Матн] / И. Бобоева // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии "CHALLENGES IN SCIENCE OF NOWADAYS".– №6 ИМА. Вашингтон, Маркази интишороти илмии «Inter Conf», 16-18 июли соли 2021.– С.117-126.

**[13-М].** Бобоева И. Нақши таҳаммулпазирӣ ва хештаншиносӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ [Матн] / И. Бобоева // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Макбати сиёсии Пешвои миллат». – 2022. – №3. – С.370-375.

**[14-М].** Бобоева И. Сулҳ ва таҳаммулпазирӣ омили муҳимми ҷаҳонишавӣ / [Матн] / И. Бобоева // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Мактаби сиёсии Пешвои миллат». – 2022. – №3. – С.376-382.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ба унвони Шӯрои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

Тақриз ба автореферати Бобоева И.А. аз ҷониби доктори илмҳои педагогӣ, саркотиби илмии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон **Каримзода Мирзо Бадал** навишта шуда, натиҷаҳои таҳқиқоти илмии унвонҷӯ комилан мусбат арзёбӣ шуда,

онро ҳамчун кори шоиста ба нашри монографӣ пешниҳод кардааст.

Тақриз ба автореферат аз ҷониби доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забонҳои Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон – **Хоҷаев Қ.Т.** навишта шудааст. Муқарриз таҳқиқоти Иноят Бобоеваро кори илмии анҷомёфта арзёбӣ намуда, дар баробари он ду нуктаро ҳамчун камбудии кор баён доштааст. Муқарриз пешниҳод мекунад, ки агар усулҳои муосири тарбияи таҳаммулпазирии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни адабиёти тоҷик боз ҳам ба тафсилтар пешниҳод карда мешуд, арзиши илмӣ-методии корро боз ҳам меафзуд. Нуктаи дигар таъкиди ислоҳи баъзе хатоҳои грамматикӣ, ки дар ҷо-ҷои кор ба мушоҳида мерасанд. Дар умум муқарриз рисоларо кори анҷомёфта ҳисобида, онро комилан мусбат арзёбӣ намудааст.

Ҳамчунин ба унвони Шӯрои диссертатсионӣ тақриз ба автореферат аз ҷониби **номзади** илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи фанҳои риёзӣ-табиатшиносии муосири ДДҲБСТ– **Азимова Н.С.** ирсол шудааст. Муқарриз эрод надорад ва рисолаи илмиро кори анҷомёфтаи тахассусӣ ва муаллифашро сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ донистааст.

Тақризи дигар ба автореферат ба унвони Шӯро ворид шудааст, ки он аз ҷониби доктори илмҳои филология, мудири кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики ДДОТ ба номи С.Айнӣ профессор **Исрофилниё Ш.** навишта шудааст. Муқарриз муҳассаноти корро муфассал баён дошта, таълифи рисоларо саривақтӣ ҳисобида, рисолаи илмиро кори анҷомёфтаи тахассусӣ донистааст.

Тақризи дигар ба автореферат аз ҷониби номзади илмҳои педагогӣ, муовини ректор оид ба корҳои тарбияи Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон дотсент – **Аминҷонова М.С.** навишта шудааст, ки муқарриз асосҳои назариявии мавзӯи тадқиқкардаи И. Бобоеваро кори тахассусии судманди анҷомёфта ҳисобида, муаллифашро сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ донистааст.

**Муассисаи тақриздиҳанда** низ яке аз марказҳои илмии бонуфузу шуҳратёфтаи ҷумҳурӣ ба шумор омада, бо мутахассисони варзидаи худ дар самти таҳқиқу таҳлили масоили мухталифи педагогика ва психология хеле маъруф гардидааст.

**Тибқи натиҷаи ҳимояи кушод Шӯрои диссертатсионӣ таъкид менамояд, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ корҳои зерин иҷро шудаанд:**

➢ Шарҳу маънидоди мафҳуми "таҳаммулпазирӣ", ки дар фарҳангҳо, ҳуҷҷатҳои умумибашарӣ ва дар тадқиқоти муҳаққиқони ватаниву бурунмарзӣ баррасӣ шудааст.

➢ Натиҷагирӣ аз таҳлили консепсияи назариявӣ ва педагогиву психологии олимони ватаниву бурунмарзӣ, ки таърих, назария ва амалияи инкишофи хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагонро баррасӣ намудаанд.

➢ Бо мақсади кӯмак расондан ба омӯзгорон дар доираи мафҳуми таҳаммулпазирӣ ва ташаккули хислатҳои он пешниҳод намудани тарзи таҳлили мазмуну мундариҷаи матнҳои аз осори классикон баргузида, ки тибқи барномаи таълим дар китобхон дарсии адабиёти тоҷики синфҳои V-VII ворид карда шудаанд. Бояд таъкид намуд, ки ҳамин амал асоси тадқиқоти моро бобати дар ҷодаи таҳаммулпазирӣ тарбия намудани хонандагони синфҳои мазкур фаро мегирад.

➢ Пешниҳоду маслиҳатҳо ба омӯзгорон, аз ҷумла, ба омӯзгорони синфҳои V-VII, ки зимни таълими фанни адабиёти тоҷик дар ташаккули тарбияи таҳаммулпазирии хонандагон саҳмгир мебошанд.

➢ Ташкил ва баргузории раванди озмоиши таълимӣ, ки дар ҷараёни он дурустии фарзияи пешниҳодшуда бобати ноил гардидан ба тарбияи таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII тасдиқи худро ёфтааст.

**Ғояи пешбари таҳқиқотро метавон чунин баён намуд:**

Мафҳуми таҳаммулпазирӣ, ба маънои тому комили ахлоқӣ-маънавӣ, ба сифати таълимоти муассири педагогӣ дар эҷодиёти шоирону адибони қуруни вустои форсу тоҷик дар ҳамаи давру замонҳо манзур буд. Ҳарчанд ки фалсафаи таҳаммулпазирӣ дар ин қолабу шакл танҳо дар қарнҳои XIX-XXI ба таври саҳеҳ рӯнамо гардид, унсурҳои умдаи таҳаммулпазирӣ дар даврaҳои қадимтарини таърихи башарият, аз ҷумла кишварҳои форсзабон, асос ёфтаю ташаккул ёфт, зеро маҳз таҳаммулпазирӣ ҳаёти осоиштаю мусолиҳаомези тоҷиконро таъмин менамуд ва имрӯз ҳам таъмин менамояд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок шудааст, ки дар он:**

- пеш аз ҳама, дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлили ҳуҷҷатҳои умумибашарӣ, ақидаҳои файласуфону ҷомеашиносон ва равоншиносону педагогҳо роҷеъ ба зарурати тарбия намудани хислатҳои таҳаммулпазирӣ дар вуҷуди насли наврас таърифи нисбатан дақиқи мафҳум пешниҳод шудааст;

- зимни омӯзиш ва баррасии матнҳои дорои мазмуну мундариҷаи баландғояи аз осори классикон интихобшуда аз рӯйи маводи китоби адабиёти тоҷики синфҳои V-VII, ки таълими он, асосан, дар курси хониши адабӣ сурат мегирад, кӯшиш шудааст роҳҳои тарбияи хислатҳои таҳаммулпазирӣ дар ниҳоди хонандагон нишон дода шавад;

- мавқеи хониши мустақилонаи асарҳои ниёгон, ҳамкории доимии мудирони китобхонаҳо бо омӯзгорони фанни адабиёти тоҷик ва рушди хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагон бо роҳи худомӯзӣ исбот гардидааст. Ҷавобҳои хонандагони ба мутолиаи осори адабӣ машғулшуда шаҳодат медиҳанд, ки донишу малакаи таҳаммулпазирии онҳо зиёд шудааст;

- дар фарҳангҳои гуногун мафҳум ё худ маънои мухталифи таҳаммулпазирӣ шарҳу тафсир шуда бошад ҳам, онҳо ҳамаи ҷанбаҳои истилоҳи "таҳаммулпазирӣ"-ро фаро намегиранд. Дар Эъломияи ЮНЕСКО таҳаммулпазирӣ ба ҳайси истилоҳи умумибашарӣ қабул шудааст.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот:** Маводи коркарднамудаи диссертант ба омӯзгорони фанни адабиёти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, бахусус, ба омӯзгорони синфҳои V-VII бобати дар рӯҳияи хислатҳои таҳаммулпазирӣ тарбия намудани хонандагони синфҳои мазкур ба ҳайси як дастури роҳнамо кӯмак хоҳад намуд. Инчунин истифодаи натиҷаи ҳамин тадқиқот ба омӯзгорони фанни адабиёт метавонад барои дар рӯҳияи таҳаммулпазирӣ тарбия намудани хонандагон то андозае ёрӣ расонад. Ҳамчунин таҳиягарон ва муаллифон метавонанд, дар бознашрҳои барнома ва китобҳои дарсии фанни адабиёти тоҷик нукоти муҳимми дар тадқиқоти мазкур баррасишударо ба инобат гиранд.

Устодони кафедраҳои педагогика ва психологияи коллеҷҳои омӯзгорӣ, мактабҳои олӣ ва мутахассисони дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон дарсдиҳанда низ метавонанд дар дарсҳои лексионии бевосита ба масъалаҳои тарбиявӣ бахшидашаванда аз он истифода намоянд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот аз инҳо иборат аст:** Бори аввал зимни таълими адабиёти тоҷик рушду ташаккули тарбияи таҳаммулпазириро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, бахусус, дар сиришти хонандагони синфҳои V-VII, ки дар давраи гузариш, яъне наврасӣ қарор доранд, воқеъбинона асоснок шудааст;

- дар интихоб ва шарҳу таҳлили матнҳо аз осори классикони варзидаи адабиёти форсу тоҷик, ки тибқи пешниҳоди барномаи таълим ба китобҳои дарсии синфҳои номбурда ворид шудаанд, маҳорати баланди илмӣ-педагогӣ намоён кардааст;

- дар омода намудани омӯзгорони фанни адабиёти тоҷик ва хонандагони синфҳои V-VII муассисаҳои таҷрибавӣ ба ташкил ва гузаронидани озмоиши таълимӣ саҳм гузоштааст, ки тафсилоти нуктаи мазкур дар фасли сеюми боби II баррасӣ шудааст.

Диссертатсия аз ҷиҳати мазмун ва муҳтаво ба шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мутобиқат мекунад. Зеро мундариҷаи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – «Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот» (илмҳои педагогӣ) мувофиқат мекунад: банди 1 – «Методологияи таҳқиқотҳои педагогӣ» (равишҳои таҳқиқотӣ дар рушди илми педагогика, ҳамбастагӣ ва ҳудудҳои татбиқпазирии онҳо; усулҳои таҳқиқотҳои педагогӣ), банди 6 – «Консепсияи таҳсилот» (сифати таҳсилот ва технологияҳои арзёбии он; равандҳои инноватсионӣ дар таҳсилот), банди 7 – «Педагогикаи амалӣ» (ҷамъбасткунии таҷрибаи педагогии пешқадам; ҳаракати инноватсионӣ дар таҳсилот; фаъолияти озмоишию таҷрибавии муассисаҳои таълимӣ).

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ Шӯрои диссертатсионӣ дар ҳайати __9__ нафар иштирокчиёни ҷаласа, аз онҳо __5__ нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсия баррасишаванда, чунин натиҷагирӣ шуд:

**Тарафдори додани дараҷаи илмӣ - "__9__ нафар";**

**Муқобили додани дараҷаи илмӣ - "__нест__";**

**Бюллетенҳои беэътибор - "__нест__".**

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сабурӣ Х.М.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Ҳамробоев Н.А.